О. Ҳасанбоева, М. Иноятова,
В. Костецкий

# ОДОБНОМА

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 1-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ намудааст*

ХОНАИ ЭҶОДИИ ТАБЪУ НАШРИ “O‘QITUVCHI”
ТОШКАНД – 2019

УЎК: 17 (075.2)
КБК 74.200.51
Х 33

Муҳаррири масъул: Р. Х. Джураев — доктори илмҳои педагогӣ, академик.

**Муқарризон:**

**Ш. Тӯраев** — номзади илмҳои филологӣ, дотсент;
**З. Жуманова** — докторанти ДПДТ ба номи Низомӣ;
**З. Жабборова** — методисти маркази таълими Республика;
**Г. Сайдалиева** — омӯзгори тоифаи олии синфҳои ибтидоии мактаби рақами 96-уми ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

 – якҷоя мехонем;

 – маънои мақолро шарҳ диҳед;

 – супориш;

 – савол;

 – савол ва супориш;

 – дар ёд доред.

**Аз ҳисоби маблағҳои бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-22-387-5

© О.Ҳасанбоева ва диг.
© ХЭТН „O‘qituvchi“, 2019.

# I. ЎЗБЕКИСТОН — ВАТАНИ ОЗОД ВА ОБОД

## 1. 1-УМИ СЕНТЯБР — РӮЗИ ИСТИҚЛОЛ

*Тинҷии фарзандон, бахт ва камолоти онҳо – бойгонии аз ҳама калони ҷамъият аст.*

**Шавкат Мирзиёев,**
Президенти Ӯзбекистон



**Идатон муборак бод!**



 

Диёри хушҳавоям Ўзбекистон,
Замини пурсахоям Ўзбекистон.
Тароватҳои хуш зебандаатро,
Тараннум менамоям Ўзбекистон.
Ба ҳар коре агар даъват намой,
Ба амрат ҷонфидоям Ўзбекистон.
Туро дорам, ғаму дарде надорам,
Баҳори ғамзудоям Ўзбекистон.

*Ҳусниддин Зулфон*

Байрақи давлатамонро ранг кунед.

 

# 2. КИШВАРЕ, КИ АЗ БОБОЁН МЕРОС АСТ



Самарқанд



Нукус



Бухоро



Хева

Дар бораи шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хева ва Нукус чиҳо медонед?




## Тошканд — пойтахти Ўзбекистон



### Ватанам

Аз ҳама зебо Ватанам,
Мулки дилоро Ватанам.
Боби тамошо Ватанам.
Умеди фардо Ватанам.

*Гулчеҳра Сулаймонова*

# Ватани obод






**Биноҳои наве, ки дар деҳот ва пойтахти кишварамон сохта шуда истодаанд**



Дар ҷойе, ки шумо зиндагӣ мекунед, чӣ гуна биноҳои нав сохта шуда истодаанд?

# II. ОДОБ — ЗИНАТИ ИНСОН АСТ

## 3. ТАЛАБОТИ АВВАЛИНИ МЕЪЁРҲОИ ОДОБ ВА АХЛОҚ





1. Ба фикри шумо, ин бачаҳоро барои чӣ меҳрубон ва боодоб гуфтан мумкин?
2. Ба хотир оред-чӣ, шумо бисёртар кадом суханҳои сеҳрнокро истифода мебаред?

„АССАЛОМУ АЛАЙКУМ“,

„ЛАББАЙ“, „РАҲМАТ“,

„ИЛТИМОС“, „ХАЙР“.



Аз суханҳои сеҳрноки ба ёдатон омада истифода бурда, шеъри „Қоидаҳои одоб“-ро пур кунед ва дар ёд доред.

| | |
|---|---|
| Қоидаи якум:<br>Аввал салом, пас калом,<br>Аввали он: „...“. |  |
| Қоидаи дуюм:<br>Форад чун овози най,<br>Магӯ „ҳа“ бигӯ: „...“. |  |
| Қоидаи сеюм:<br>Корад афтад, шавад соз,<br>Хандида гӯй: „...“. |  |
| Қоидаи чорум:<br>Хуш омадӣ, марҳамат,<br>Ба ёрирасон: „...“. |  |
| Қоидаи панҷум:<br>Хомӯш ту марав, Тоҳир,<br>Охири сухан: „...“. |  |



# 4. БАЧАИ БООДОБ – МАНЗУРИ ХАЛҚ




Аз расм хулоса бароред!



**Дар ёд доред!** Бачаи боодоб дар вақти бо одамон сӯҳбат намудан, аз суханҳои сеҳрнок бештар ва бомаврид истифода мебарад.



Ин бачаҳоро барои чӣ беодоб мегӯем? Бачаи боодоб чӣ хел мешавад?





Аз суханҳои сеҳрноки ба мисли „Илтимос“, „Марҳамат“, „Раҳмат“ истифода бурда, вазъиятҳои зеринро ба саҳна гирифта нишон диҳед.







## 5. ОДОБИ САЛОМ ДОДАН

Салом додан фазилати аз ҳама хубтарин аст.









„Ассалому алайкум“ — „Ба шумо осу- дагӣ ва саломатӣ мехоҳам“.

„Во алайкум ассалом“ — „Ба шумо ҳам осудагӣ ва саломатӣ мехоҳам“.

Дар вақти салом додан, суханҳои сеҳрноки мегуфтаатонро ба ёд оред.

Ассалому алайкум!

Во алайкум ассалом!

Шумо хуб ҳастед?

Саломат бошед!

Агар дар кӯча ҳамсинфатонро дучор шавед, чӣ хел салом додан ва сӯҳбат карданатонро нишон диҳед.



Бачаҷонам, инро дон:
Одобат — зинати туст.
Одоб гӯё хазина,
Саломат — булӯр зина.
Одоб чун аспи бодпо,
Саломат — боли тилло.

# 6. ҚОИДАҲОИ САЛОМ ДОДАН

| | |
|---|---|
| Дастро ба сари сина гузоштан, ин «Шуморо ҳурмат мекунам» гуфтан аст. |  |
| Одатан, шахси хурд ба шахси аз худаш калон салом медиҳад. |  |
| Як кас ба бисёр истодагон салом медиҳад. |  |
| Шахси бо мошин рафта истода, ба шахси пиёда салом медиҳад. |  |
| Гӯшаки телефонро бардошта, аввал «Лаббай» мегӯянд ва пас салом медиҳанд. |  |
| Пагоҳӣ дасту рӯйро нашуста салом намедиҳанд. |  |

Ҳолатҳои дар расмҳо дода шударо шарҳ диҳед. Бачаҳо ба қоидаҳои салом додан чӣ хел риоя карданашонро гуфта диҳед.









## 7. ОДОБИ МУОМИЛА




Омӯзад одоб,
Гулбарги зебо:
„Барвақт хезу
Зуд дасту рӯй шӯй
Ҳар касро бинӣ
Аввал салом гӯй.
Ҳар кас, ки пурсид,
Зуд бигӯй «Лаббай»!...

Дар одоби муомила суханҳои истифода мешударо ба ёд оред.

Дӯстам... Рафиқҷон...

Раҳмат! Хуб шудас!

Марҳамат! Хуб ҳастед?

Сиҳат ва саломат гаштед?

Аз суханҳои болоӣ истифода бурда, ҳолатҳои зеринро ба саҳна нишон диҳед.





**Дар ёд доред!** Дар вақти сӯҳбат кардан, аз суханҳои сеҳрнок истифода баред!

## 8. НЕКӢ ВА БАДӢ

Рафтору ҳаракате, ки барои хурсанд ва осон кардани мушкилиҳои одамон хизмат мекунад, некӣ ба ҳисоб меравад. Рафтору ҳаракате, ки барои хафа ва ранҷонидани одамон хизмат мекунад, бадӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳолатҳои зеринро ба саҳна гирифта, нисбати он муносибати худро баён созед.





Якҷоя ҷавоб диҳед.

**Хуб чисту бад чист?**

- Ёрӣ расондан
- Бепарвоӣ
- Меҳнатдӯст шудан
- Танбалӣ

- Ба калонсолон дар ҳурмат будан
- Гап гардондан

Дар ҳаётатон ба кадом ҳолатҳои дар расмҳо буда дучор шудаед? Боз дар кадом ҳолатҳо некӣ кардан мумкин?









## 9. ҚАРЗ ВА ВАЗИФАҲОИ МО

Қарз – ин корҳои супорида шударо дар вақташ ичро намуда, вазифаҳои худро бо масъулият ичро кардан аст. Масъулият гуфта, барои рафтор ва ҳаракатҳои худ ҷавобгариро ҳис кардан аст.



### Қарзи донишомӯз

Гулнора — духтари бомасъулият аст. Ӯ қарз ва вазифаҳои донишомӯзиашро хеле хуб медонад. Дар вақташ ба мактаб меояд. Дар дарс боинтизом мешинад. Хуб мехонад.

Имрӯз Гулнора — навбатдор аст. Ӯ пагоҳӣ барвақт омада, тозагии синфро санҷид. Дар танаффусҳо тахтаи синфро тоза пок карда монд.

Устодамон Гулнораро „духтари бомасъулият“ гӯён таъриф карданд.



„Қарзи донишомӯзӣ“ гуфта чиро мефаҳмед?

Ба расм нигаред. Ба фикри шумо кадоме аз бачаҳо кори худро бо масъулият иҷро карда истодаанд?



# 10. МИННАТДОРӢ

Миннатдорӣ – ин аз ёрии одамон хурсанд шудан ва ба онҳо раҳмат гуфтан аст.

Ба одамон бо чӣ хел суханҳо раҳмат гуфтанатонро ба ёд оред.

Миннатдорам! Ташаккур!

Раҳмат! Хурсанд шудам!

Барои ин ҳолатҳо суханҳои зебои миннатдориро ёбед.







Калонсолон ба шумо бо кадом суханҳо миннатдорӣ баён мекунанд?

Баракалло! Бар падарат раҳмат!

Ҳазор раҳмат! Барака ёб!

Расмҳоро ба саҳна гузоред. Аз суханҳои хушрӯи миннатдорӣ истифода баред.





Дуо — аз тилло ҳам қиммат аст.

# 11. ДАР ДАВРАИ ОИЛА

Ҳар як инсон оилаи худро дорад. Дар оила падар – модар, бобо – момо, додар – бародар ва апа – хоҳар аҳлона зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба ҳамдигар дар ҳар як кор ёрӣ расониданашон лозим. Чунки, оила Ватани хурд аст.



1. Дар расм киҳо тасвир карда шудаанд?
2. Дар бораи аъзои оилаатон нақл карда диҳед.

## Падару модар ва наздиконатонро эҳтиёт кунед!!

1. Ба падару модар ва наздиконатон бо меҳр ва ҳурмат дар муносибат бошед.

2. Ба падару модаратон ёрирасони беминнат бошед.







Шумо дар хона кадом корҳоро иҷро мекунед?

Дар бораи тартиб ва қоидаҳои оилаатон нақл карда диҳед.



## 12. ҚОИДАҲОИ ОДОБ ВА АХЛОҚ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

• Донишомӯз боинтизом шуда, вазифаҳои худро сидқан иҷро карданаш лозим.

• Мулки мактаб ва асбобҳои хонишро чун гаҳвараки чашм нигоҳ доштан лозим.

• Ба одоби муомила риоя карданаш лозим.

• Дар вақти пурсидани савол ё ки ҷавоб додан даст бардоштанаш лозим.

Ёбед-чӣ, дар расм ба кадом қоида риоя карда нашудааст?





Донишомӯзон ба кадом қоидаҳои мактаб риоя карда истодаанд?



Дониш хоҳӣ, пурсон бош.

Ҳусн ҳусн нест, одоб ҳусн аст.



# 13. ХУДИДОРАКУНӢ ДАР ҶОЙҲОИ ҶАМОАТӢ

Мактаб, кӯча, театр, китобхона ва нақлиёти ҷамоатӣ ба ҷойҳои ҷамоатӣ мисол шуда метавонад.

Онҳо қоида ва одоби худро дорад.

Ба расмҳо нигоҳ карда, дар ҷойҳои ҷамоатӣ чӣ хубу чӣ бад буданашро даниста гиред.









## Хуб аст ё бад?

- Салом додан
- Бахшиш напурсидан
- Табассум кардан
- Одамонро ранҷондан
- „Раҳмат“ гуфтан
- Дод зада сухан кардан

! Бо дӯстони нав чӣ хел шинос шуданатонро бо ҳамсинфатон якҷоя ба саҳна гирифта нишон диҳед.

*Калимаҳо барои истифода:*

Аз шиносоӣ хурсандам!

Ташаккур!

Дӯстам...

Дӯст шавем...

Рафиқҷон...

## ТАКРОРӢ

1. Барои чӣ кишварамонро „Ватани озод ва обод“ мегӯем?

2. Аз намуна истифода бурда, ба шаҳрҳоямон таъриф диҳед.

Намуна: Намангон — *шаҳри гулҳо*.
Самарқанд — ... .

Хева — ... .

Нукус — ... .

3. Ба зодгоҳатон таъриф диҳед.

4. Дар мактаб ба кадом қоидаҳои одоб ва ахлоқ риоя карда мешавад, гуфта диҳед.

## Сеҳри сухан

Чӣ хел хуб аст ин — калом,
Аввали одоб „Салом“ .

Хуш мефорад ҳама вақт:

„Раҳмат“, „Хуб-хуб“, „Марҳмат“ .

Чаро наменамоед

Дӯстонам „Хуш омадед“.

Охири гап аломат:

„Хайр, бошед саломат“

*Дилшод Раҷаб*

Ба гурӯҳҳо ҷудо шавед. Аз калимаҳои дар шеър ҷудо карда шуда истифода бурда, сӯҳбати Бобои барфӣ ва Маликаи барфиро ба саҳна гузоред.



# III. САЛОМАТИИ ИНСОН — БОЙГОНИИ КИШВАР АСТ

## 14. ТОЗАГӢ —ГАРАВИ САЛОМАТИСТ

Кадоме аз чизҳои дар расм буда, барои тоза гаштан истифода мешавад?



Покӣ — саломатист.

### Ғайрат чаро шарм кард?

Дарси хониш буд. Ба синф директори мактаб Умар Акбарович даромаданд. Донишомӯзон аз ҷойҳояшон хеста, ба директор салом доданд. Директор ба Ғайратҷон нигоҳ карда:

— Ғайратҷон, дар бораи ба тозагӣ риоя кардан чиҳоро медонӣ? — гуфта пурсид.

Ғайратҷон аз ҷояш хест. Либосҳои ӯ ғиҷим, мӯйҳояш шона накарда ва туфлиаш лой буд. Ғайратҷон ҷавоб додан натавониста, аз шарм сурх гашта, ба замин нигарист.

Гӯед-чӣ, чаро Ғайратҷон шарм карда, ҷавоб дода натавонист?





## Покиза бошед

Чӣ хел хуб аст, бачаҳо,
Тозагӣ, покизагӣ.
Одобу хулқи накӯ,
Ҳамеша озодагӣ.

*Муҳиддин Омон*

# 15. ОДОБ ВА ҚОИДАҲОИ ТАОМ ХӮРДАН

Ба расмҳо нигаред ва хулоса бароред.









# Пандҳои момоҷонам

Вақти таомхӯрии бегоҳӣ буд. Ҳусан таомро хеле саросемавор хӯрд. Момоҷонам ба ӯ танбеҳ доданд:

— Таом хӯрдан қоида ва одоби худро дорад. Ман сетоашро ба ту гуфта медиҳам: якум — бачаи боодоб пеш ва баъди таом хӯрдан дастонашро мешӯяд. Дуюм — пеш аз шахсони аз худаш калон ба таом даст дароз намекунад. Сеюм — барои таоми бомаза раҳмат мегӯяд. Боқимондаашро худат гуфта деҳ-чӣ?!



Боз кадом қоидаҳои таом хӯрданро медонед?

# 16. МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

Кадом ҳолатҳо ба одоби таом хӯрдан риоя карда нашудааст, ёбед!





Дар атрофи дастурхон чӣ гуна суханҳои сеҳрнок истифода бурда мешавад?

Иштиҳаи хуш!

Илтимос, чашида бинед...

Раҳмат, хӯрок хеле хушмаза шудас!

Аз калимаҳои болоӣ истифода бурда, бозии „Меҳмон-меҳмон“-ро бозӣ кунед. Аз табақча, қошуқ ва чангчаҳои дар расм дода шуда истифода баред.









## 17. ДАР ВАЗЪИЯТҲОИ ХАВФНОК БОТАРТИБ ВА ДУРУСТ ҲАРАКАТ КУНЕД!

**Вазъияти хавфнок** — дар натиҷаи бепарвоӣ бо айби худ ё дигарон дар хатар гузоштани ҳаёти инсон.

Ин гуна вазъиятҳои хавфнок ба кадом ҳолатҳо оварда мерасонад?











Дар вазъиятҳои хавфнок чӣ гуна дуруст ҳаракат кардан лозим буданашро ба ёд оред.












Ҳаётатонро ба зери хавф нагузоред!



## 18. МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

Дар вазъиятҳои хавфнок ба кадом рақамҳо телефон карданатонро ба ёд оред.

101 102 103 104 1050

Ба фикри шумо, дар ин гуна вазъиятҳо ба кадом рақам телефон кардан зарур?





Номҳои хизматрасонии бехавфиро ба ёд оред.

„Ёрии тиббии таъҷилӣ“ „Хизмати бехавфии сӯхтор“ „ Хизмати газ “ „Идораи корҳои дохилӣ“ „ Хизмати наҷотдиҳанда“

Ин мошинҳо ба кадом намуди хизмати бехавфӣ дохил мешавад? Ба намуна нигоҳ карда, намуди хизмати лозим бударо нависед.

*Намуна*







„ Хизмати газ “

„ Хизмати наҷотдиҳанда“









# IV. ДОНИШ ВА ҲУНАР ОМӮЗ

## 19. КИТОБ — САРЧАШМАИ ДОНИШ АСТ





Расмҳоро муқоиса кунед ва хулоса бароред.

### Китоби хуб

Ман ёри меҳрубонам,
Донову хушбаёнам.
Гӯям сухан фаровон
Бо он, ки безабонам...

*Аббосямини Шариф*

### Қоидаҳои китоб хондан:

- китобро бо дасти тоза ба даст гиред;

- китобро эҳтиёт кунед;
- китобро хобида, ба чашм наздик гирифта нахонед, ин ба саломатӣ зарар аст;
- китобро дар ҷойи равшанӣ аз тарафи чап меафтида хонед. Ҳангоми китоб хондан аз хатчӯп истифода бурданро одат кунед.

Шумо барои эҳтиёт намудани китоб чӣ кор мекунед?



Нодон аз ӯ доно шуд,
Нохоно ҳам хоно шуд.

* * *

Рафиқи бозабонам лабу забон надорад.
Ҷаҳонбину раҳбар, паи равон надорад.
Агарчи ҳамнишин аст ба аҳли ҷумла олам,
Вале сару садову дилу даҳон надорад.



## 20. ДОНИШ ВА ҲУНАР ОМӮЗ

Бачаҳо агар бо ғайрат меҳнат кунед, албатта дар оянда инсони донишманд, боҳунар ва баркамол мешаваед.

Ёбед-чӣ, дар оянда ин бачаҳо соҳиби кадом касб шуданашон мумкин?









## НАСИҲАТИ БОБОЯМ

Бобоям доим ба ман,
– Ҳунар омӯз – мегӯянд.
Рӯзи каси ҳунарманд,
Доим фирӯз, – мегӯянд



Майлаш, бишав бинокор,
Биноҳои зебо соз.
Ё ки ба чӯб ҷон дарор,
Шуда дуредгари соз...
Ҳаргиз намегардӣ хор,
Бидон, фарзанди ширин.
Ҳар кас, ки ҳунар дорад,
Доим нонаш равғанин.

*Акмал Пӯлод*



Бо ёрии ҷумлаҳои ҷудо карда шуда, шахси ҳунарманд чӣ хел шуданашро гуфта диҳед.



Бо шахси беҳунар дӯст машав.

*Аз „Қобуснома“*



Ба беҳунар р _ _ нест.



# 21. ИНСОН БО МЕҲНАТИ ХУД БОШАРАФ АСТ

Ҳаёти мо бо меҳнат фаровон аст. Ҳамаи чизҳои зарур ва фоиданок бо воситаи меҳнати инсон бунёд мешавад. Аз ҳамин сабаб, одами меҳнаткашро халқамон эҳтиром мекунанд. Донишомӯзони азиз, шахси боғайрат ва меҳнатдӯст шавед!



**Дар ёд доред! Меҳнати асосии донишомӯз дониши пухта омӯхтан аст.**

## Донишомӯзи боғайрат

Дар маҳфили «Китобхони ҷавон» акаи Нодирам ғолиб шуданд. Устодамон Доно Ҳамидовна ба ӯ гулдастаи калон тақдим карданд. «Нодирҷон бо кӯшишу ғайрати худ ғолиби озмун шуд. Агар шумо ҳам ба мисли Нодирҷон шудан хоҳед, аз меҳнат нагурезед!» - гуфтанд устод.



Ба Нодир акаам хеле ҳавасам омад.



Оё шумо худатонро донишомӯзи меҳнатдӯст гуфта ҳисоб мекунед?



Меҳнат — калиди бахт аст.

*Алишер Навоӣ*

Кори имрӯзаро ба фардо магузор.



Ҳунар аз дониш,
Д[ ][ ][ ][ ] аз хониш.



## 22. КӢ БОЯД ШАВАМ?

*(Машғулоти амалӣ)*

Аз расмҳо истифода бурда, ҷавоби чистонҳои шеъриро, ки дар бораи касбҳо аст ёбед.





Аҳволи мо пурсон аст,
Ба дардамон дармон аст.
Ба касби худ фидокор,
Номи ӯ кист? - ... .

* * *

Бишав нақ ... ё рассом,
Ҳар касбе маъқул ояд.
Санг ҳам ба дастат афтад,
То бар забон дарояд.

* * *

Дар дастонаш мӯқалам, расм кашад, кист? — ... .

Кроссвордро ҳал кунед. Калимаҳои дода шударо ба катакчаҳои ба худ мувофиқ ҷойгир кунед.

Лётчик, шифокор, кулол, бинокор, муҳандис.



Дар бораи касбҳои болоӣ чиҳо медонед?

Ҳунар — хазинаи тамомнашаванда аст.

# V. ХОТИРАИ АҶДОДОН АБАДӢ АСТ

## 23. РӮЗИ ХОТИРА ВА ҚАДР КАРДАН

9 – уми май — рӯзи Хотира ва қадр кардан аст.

Дар ин рӯз мо корҳои ибратноки аҷдодонамонро ба ёд меорем.

Ба бобоҷону momoҷон ва падару модарамон, ки моро тарбия намуда, одоб омӯхтаанд раҳмат мегӯем.

Аҷдодон ва бобоёнамон, ки дар роҳи тинҷии Ватанамон ҷони худро фидо карда, ба мо ҳаёти хубро ҳадя намудаанд, ба хотир меорем. Ба пойи ҳайкали онҳо гулҳо мемонем.

Аз ҳоли беморон ва пиронсолон хабар мегирем. Дар ёд доштану аз хотир набаровардани онҳо қарзи фарзандии ҳамаи мост.



Хотира ҷовидонист.



1. Ба расм нигариста, мубориzoни роҳи озодиро чӣ хел ба ёд овардanатонро нақл карда диҳед.
2. Аз бобоёнамон, ки барои тинҷию озодӣ мубориза бурдаанд киҳоро медонед?
3. Барои чӣ хотираи падару бобоёни қаҳрамонамонро дар ёд нигаҳ медорем?

Мардӣ — абадист.

## 24. ОДОБИ ЗИЁРАТ

*(Машғулоти амалӣ)*



Дар кишварамон зиёратгоҳҳои бисёр мавҷуд аст. Дар рӯзи хотира ва қадр кардан мо ба зиёратгоҳ рафтем. Пеш аз ба зиёратгоҳ даромадан устодамон:

„Бачаҳо дар ҳудуди зиёратгоҳ ба тозагӣ риоя кунед. Бо овози баланд сухан накунед. Дар бораи ҳаёти па-

дару бобоёнамон ва корҳои ибратноки онҳо бисёртар маълумотҳо ҷамъ кунед», - гуфта супориш доданд.

Бо падару модаратон ба зиёратгоҳе, ки дар ҷойи истиқоматиатон наздик аст равед. Ба одоби зиёрат риоя кунед.

## Донишмандон дар бораи одоби зиёрат

* Ба зиёратгоҳ шустушӯ карда, тоза шуда рафтан лозим.

* Ба зиёратгоҳ салом дода даромадан лозим.

* Дар зиёратгоҳ ба ғишт ва нақшҳо ҳар гуна суханҳо ва ниятҳоро навиштан мумкин нест.

* Дар болои мақбараи бузургон шамъ даргирондан, ба дарахтони дар назди он буда латта ва тасмаҳои ҳар хела бастан мумкин нест.

# VI. ТАБИАТ ВА МО

## 25. ОДОБИ МУҲОФИЗАИ ТАБИАТ ВА ДАР БАРИ ОН САЁҲАТ НАМУДАН

Табиат – ин замин, осмон, дарахтҳо, ҷонварон, оби зулол ва ҳавои тоза гуфтан аст. Ҳангоми дар бари табиат саёҳат кардан, ба озодагӣ риоя карда, ба ҷонварон озор нарасонида, ба оби зулоли он ҳар гуна чизҳо напартофтан лозим. Дар акси ҳол, ба мисли рафиқони Олимҷон шарм карда мемонед.

### Табиатро муҳофиза намоед

*(Афсонаи ҳаётӣ)*

Дар тобистон Олимҷон бо рафиқонаш барои саёҳат ба кӯҳ баромаданд. Онҳо дар ҳавои тоза истироҳат карданд. Олимҷон бачаи аҷоиб аст, ӯ бо табиат ҳамсӯҳбат шуда метавонад. Вай дар бари сойча истода буд, ки сухани онро шунида монд:

– Олимҷон, чаро Алӣ ба ман партов мепартояд? – шикоят кард Сойча.

– Ба Валӣ гӯй, шохҳоямро нашиканад, ҷонам дард мекунад, – шибир-шибир кард дарахти зардолу.



— Маҳмуд чӯҷаҳоямро зада афтондаníст, — зорӣ кард Парранда.

Олимҷон ин суханҳоро шунида сахт ранҷид. Ба онҳо дилаш сӯхта, гиря кард. Рафиқонаш аз рафторашон пушаймон шуданд. Аз Сойча, дарахти зардолу ва Парранда бахшиш пурсиданд?

Аз афсона хулоса баровред. Одоби дар бари табиат саёҳат кардан аз чиҳо иборат будааст?

## 26. ҒАМХОРӢ БА ҶОНВАРОН – ФАЗИЛАТИ ХУБ АСТ

Ҷонварон — дӯсти наздики инсон аст. Онҳо доимо ба инсон хизмат карда омадаанд.



Кабӯтар хат кашонидааст.



Асп роҳи дурро наздик мекунад.



Саг хонадонамонро посбонӣ мекунад.

Маълум аст, ки шоҳи ҳайвонот шер, лаклаки донишманд ва аспи парвоз-кунандаро хеле ҳам дӯст медоред? Онҳо бо зебогию баҳодурӣ ва доноги-ашон ба меҳратон сазовор шудаанд. Ба гурбачае, ки дар назди даратон бо умед меистад ва ба паррандаи аз таги барф нонреза меҷуста албатта

раҳматон меояд. Лекин раҳмхӯрӣ низ камӣ мекунад. Ба ҷонварон ғамхорӣ кардан зарур аст.

Агар сарҳарфи номи ҳайвоноти зеринро ёбед, ҷонвари дар «Китоби сурх» дохил шударо меёбед.

 +  + В +  +  + Н

## Чӣ хуш аст?



Ба зоғакони ало,  
Барфи зимистон хуш аст.  
Ба уштури лаълипо,  
Шӯраву явшон хуш аст.

Ба одамони хушдил,  
Хониши булбул хуш аст.  
Ба мумсикони бахил,  
Аз ҳама чиз пул хуш аст...

*Наримон Баҳозода*

Паррандагон аз чӣ хел бачаҳо мегурезанд?



## 27. САРФА КАРДАНИ НЕЪМАТҲОИ ТАБИАТ

Инсон бе неъматҳои табиат зиндагӣ карда наметавонад. Ҳатто таомҳоямон низ бо кӯмаки онҳо тайёр карда мешавад. Бо туфайли неъматҳои табиат ҳаёти мо фаровон аст. Бе ҷараёни электрикӣ ва гази табиӣ чӣ ҳам карда метавонем?! Ҷараёни электрикӣ хонаамонро равшан мекунад, корхонаҳои калон, телевизор, радио, яхдон, компютер ва телефони дастӣ низ бо туфайли он кор мекунад.

Оби нӯшокӣ рӯз то рӯз кам шуда истодааст.

Сарфа кардани газ, об ва ҷараёни электрикӣ вазифаи инсонии мост.



Ҳар як чиз ченаки худро дорад.



1. Об, газ ва ҷараёни электрикӣ ба инсон чӣ хел фоида меоварад?

2. Барои чӣ оби тозаро сарфа кардан зарур аст?







1. Ба ҳолатҳои дар расм буда баҳо диҳед.
2. Шумо барои сарфа кардани об, газ ва ҷараёни электрикӣ чӣ хел ҳисса гузошта истодаед?



Бе об ҳаёт нест,
Бе меҳнат — роҳат.



# 28. ДАРСИ ҶАМЪБАСТӢ

## Пандҳои одобнома ба донишомӯзи синфи 1-ум




Шумо „Одобнома“-ро хонда, дар бораи одоб ва ахлоқ бисёр чизҳоро омӯхтед. Оиди одоби муомила ва саломдиҳӣ чӣ хел истифода бурдани суханҳои сеҳрнокро одат кардед. Дар мактаб, дар бари табиат ва ҷойҳои ҷамоавӣ чӣ тавр худро идора кардан лозим буданашро дониста гирифтед. Мавзӯъҳои гузаштаро як ба ёд оред-чӣ, ҳамаи онҳоро магар аз худ кардед?!

Пеш аз таътили тобистона ба шумо



маслиҳати зарур медиҳам. Онҳо ба шумо доимо лозим мешавад.

**Дар ёд доред!**

1. Дар хонаатон китобхонаи хурд ташкил диҳед. Бештар ба хондан ва дониш омӯхтан ҳаракат кунед.
2. Дар ҷисми солим ақли солим буданашро дар ёд доред. Ба тарбияи бадан ва варзиш (спорт) мунтазам машғул шавед.
3. Ба одатҳои нек амал кунед. Аз одатҳои бад дур гардед.
4. Ростгӯй бошед. Ҳеҷ вақт дурӯғ нагӯед.

Агар ба ин пандҳо амал карда тавонед, шуморо ҳама дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд.

**Хайр, бачаҳои азизам!**
**Инсони боодоб ҳамеша барои халқ азиз буданашро дар ёд нигаҳ доред!**



# МУНДАРИҶА


## I. ЎЗБЕКИСТОН — ВАТАНИ ОЗОД ВА ОБОД

1-уми сентябр — рӯзи истиқлол ........................ 3
Кишваре, ки аз бобоён мерос аст ..................... 5

## II. ОДОБ — ЗИНАТИ ИНСОН АСТ

Талаботи аввалини меъёрҳои одоб
ва ахлоқ ............................................................. 8
Бачаи боодоб – манзури халқ ........................ 10
Одоби салом додан ............................................ 12
Қоидаҳои салом додан ..................................... 14
Одоби муомила ................................................. 16
Некӣ ва бадӣ ..................................................... 18
Қарз ва вазифаҳои мо ...................................... 20
Миннатдорӣ ....................................................... 22
Дар давраи оила ................................................ 24
Қоидаҳои одоб ва ахлоқ дар муассисаҳои
таълимӣ .............................................................. 26
Худидоракунӣ дар ҷойҳои ҷамоатӣ ................. 28
Такрорӣ ............................................................. 30

## III. САЛОМАТИИ ИНСОН — БОЙГОНИИ КИШВАР АСТ

Тозагӣ – гарави саломатист .............................. 32
Одоб ва қоидаҳои таом хӯрдан ........................ 34
Машғулоти амалӣ ............................................. 36

Дар вазъиятҳои хавфнок ботартиб ва дуруст ҳаракат кунед! .......... 38
Машғулоти амалӣ .......... 40

## IV. ДОНИШ ВА ҲУНАР ОМӮЗ

Китоб — сарчашмаи дониш аст .......... 42
Дониш ва ҳунар омӯз .......... 44
Инсон бо меҳнати худ бошараф аст .......... 46
Кӣ бояд шавам? (Машғулоти амалӣ) .......... 48

## V. ХОТИРАИ АҶДОДОН АБАДӢ АСТ

Рӯзи хотира ва қадр кардан .......... 50
Одоби зиёрат (Машғулоти амалӣ) .......... 52

## VI. ТАБИАТ ВА МО

Одоби муҳофизаи табиат ва дар бари он саёҳат намудан .......... 54
Ғамхорӣ ба ҷонварон – фазилати хуб аст .......... 56
Сарфа кардани неъматҳои табиат .......... 58
Дарси ҷамъбастӣ .......... 60

**Ҳасанбоева, Ойша**

74.200.51
Х 33

**Одобнома:** Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 1- ум. / О. Ҳасанбоева, М. Иноятова, В. Костецкий — Тошканд: ХЭТН „O‘qituvchi “, 2019. — 64 саҳ.

ISBN 978-9943-22-387-5

УЎК: 17 (075.2)
КБК 74.200.51

**Oysha Hasanboyeva**

**Muhayyo Inoyatova**
**Vasiliy Kostetskiy**

# ODOBNOMA

**Ta’lim tojik tilida olib boriladigan maktablarning**
**1- sinfi uchun darslik**

*„O‘qituvchi“ nashriyot-matbaa ijodiy uyi*
*Toshkent — 2019*

Тарҷимон Ҷ. Эшонқулов
Муҳаррир И. Эшонқулов
Муҳаррири бадеӣ Қ. Шомуродов
Муҳаррири техникӣ Н. Ниёзмуҳамедова
Саҳифабанди компутерӣ Ш. Аҳророва

Литсензияи нашриёт АИ № 012. 20.07.2018.
Ба чопаш 16-уми майи соли 2019 рухсат дода шуд. Андозаи 70x90 1/16.
Кегли 18 шпондор. Коғази офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 4,68.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,0. Адади нашр 7767 нусха.
Супориши № 19-267

Хонаи эҷодии табъу нашри „O‘qituvchi“-и оҷонсии коммуникатсияҳои оммавии иттилооти назди маъмурияти Президенти Республикаи Ўзбекистон. 100000, Тошканд — 206, кӯчаи Янгишаҳр, 1. Шартномаи № 37-19

Дар матбааи хонаи эҷодии табъу нашри „O‘zbekiston“-и оҷонсии коммуникатсияҳои оммавии иттилооти назди маъмурияти Президенти Республикаи Ўзбекистон чоп карда шуд. 100011, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.